# Иҷрои Нақшаи миллии чорабиниҳоро оид ба иҷрои қатъномаҳои №1325 ва №2122 Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид дар шаш моҳи дуюми соли 2016

Вобаста ба иҷрои тавсияи 2 бо мақсади омода намудани занону духтарони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда ҳамасола курси такмили ихтисос аз рӯи барномаҳои «Зан - роҳбар» ва «Менеҷменти нави давлатӣ» барои занону духтарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳо гузаронида мешавад. Ҳар сол дар асоси фармоиши давлатӣ ва нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи идоракунии давлатӣ духтарони дорои қобилияти сарварӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта мешаванд. Аз ҷумла дар соли 2016 ҳамагӣ 35 курс - 3 курси азнавтайёркунӣ, 1 курси таҷрибаомӯзӣ ва 13 курси такмили ихтисос, аз ҷумла 18 курси сайёр бо иштироки 1546 нафар хизматчиёни давлатӣ баргузор гардид, ки 475 нафар ё 31,0 фоизи онҳоро занҳо ташкил медиҳанд. Ҳамчунин қабули духтарони дорои қобилияти сарварӣ тавассути фаро гирифтан дар магистратураҳои донишгоҳҳои ватанӣ ва хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

Оид ба иҷрои тавсияи 3 ҷиҳати иҷрои фаъолгардонии нақши духтарон дар ҷомеа, омода намудани духтарони сарвар, тарбияи кадрҳои болаёқат, муайян намудани истеъдодҳои ҷавон аз ҳисоби донишҷӯдухтарон, мусоидат намудан ба такомули шахсӣ ва боло бурдани маърифати сиёсию ҳуқуқии онҳо дар назди Кумитам кор бо занон ва оила шӯрои донишҷӯдухтарон таъсис дода шудааст, ки зимни омӯзиш бо онҳо бо ҷалби мутахассисони варзида ва сиёсатмадорон маҳфилҳои таълимӣ гузаронида мешаванд. Дар заминаи шӯрои мазкур «Мактаби духтарони сарвар» таъсис дода шуда, тибқи реҷаи тасдиқшуда ба онҳо аз рӯи мавзӯъҳои муайян лексияю суҳбатҳо аз ҷониби занони роҳбар ва сиёсатмадор гузаронида мешаванд. То инҷониб 76 нафар донишҷӯдухтарони фаъолу лаёқатманд курси мазкурро бомуваффақият хатм намуда, соҳиби гувоҳнома гардиданд. Дар курсҳои омӯзишии «Зан-сарвар», ки дар марказҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд, бо шунавандагони курс соатҳои дарсии алоҳида оид ба мавзӯи рушди малакаҳои миёнаравӣ ва роҳҳои ҳалли низоъ суҳбат-лексияҳо гузаронида шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани ҳассосияти гендерии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва кормандони соҳаи тандурустӣ ва дигар сохторҳо якҷо бо ташкилоти ҷамъиятии «Ҷавонони пешсаф» дар доираи лоиҳаи «Пешгирии хушунати оилавӣ, тундгароӣ ва ифротгароӣ» моҳи июни соли 2016 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд конференсияи минтақавӣ дар мавзӯи «Пешгирии хушунати оилавӣ, тундгароӣ ва ифротгароӣ» ташкил карда шуд. Дар конференсия масъалаҳои ҳифзи занон ҳангоми сар задани низоъҳо, пешгирии хушунати оилавӣ ҳамчун омили сар задани дигар ҳолатҳои номатлуб ва хатаровар, аз қабили

шомил гаштан ба ҳаракатҳои тундгарову экстремистӣ, худкушӣ ва ҷинояткорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҳамзамон бо ин, дар ноҳияи Ҷайҳун барои ҷаласаи зергурӯҳи корӣ оид ба сиёсати гендерии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази захиравии занони «Моҳи мунир» ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 семинар-машварат баргузор гардид.

Бобати иҷрои тавсияи 4 бо ташкилоти байналмилалии СММ-Занон ҳайати гурӯҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати амалӣ намудани Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба иҷрои қатъномаҳои №1325 ва №2122 Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид бо аҳолии шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадӣ ва осебпазири Шаҳритӯс, Исфара, Бобоҷон Ғафуров, Хоруғ, Шуғнон, Рашт, Фархор, Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳин вобаста ба масъалаҳои сулҳоварӣ, пешгирии низоъҳои обӣ, сарҳадӣ, гардиши ғайриқонунии силоҳи оташфишон, андешидани чораҳои фаврӣ дар ҳолати рух додани ҳолатҳои фавқулода ва офатҳои табиӣ, истифодаи неруи занон дар масъалаи муқовимат ба паҳншавии ҳаракату равияҳои экстремистӣ ва иштирок дар равандҳои сулҳоварӣ машваратҳои судманд доир карда шуд.

Аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ тибқи нақшаи муштарак дар муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ бо донишҷӯёни донишгоҳҳо пайваста вохӯриҳои судманд баргузор намуданд.

Ҷиҳати таъмини иштироки занон дар ҳалли масъалаҳои оби ошомиданӣ ва санитария барои таҳияи дастурамали «Гендер ва об» бо дастгирии ташкилоти байналмилалии «Оксфам» дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор таъсис дода шудааст.

Оид ба оғози фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат, муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон», Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи занони соҳибкор «Кадбону» дар доираи Лоиҳаи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат тренинги омӯзишӣ дар мавзӯи «Бизнеси худро оғоз намо» барои 30 нафар занони бекори шаҳри Душанбе баргузор карда шуд.

Дар ҳамкорӣ бо дафтари СММ-Занон дар Тоҷикистон ва ташкилоти ҷамъиятии «Гендер ва тараққиёт» мизи мудаввар оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, алахусус ҳатман гузаштани ташхиси тиббии мардҳо баъди бозгашт аз муҳоҷират, барои пешгирии маризшавии занону ҷавондухтароне, ки нияти барпо кардани оила мекунанд, аз ҳар гуна касалиҳои сироятӣ, бахусус ВНМО, бо иштироки гурӯҳи кории байниидоравии иҷрои Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила

барои солҳои 2014-2023, ташкилоти ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ мизи мудаввар баргузор гардид.

Дар доираи барномаи лоиҳаи «Даъвати занони мубталои ВНМО» ташкилоти ҷамъиятии «Гули Сурх» бо ташкилоти ҷамъиятии «Хуршед» ва иштироки кормандони мақомти давлативу ҷамъиятӣ дар мавзӯи «Омилҳои гендерӣ дар самти коҳиш додани масоили хушунат ва таъбиз нисбати занони мубталои ВНМО» мизи мудаввар ва семинар-тренингҳои омӯзишӣ баргузор гардиданд. Ҳадафи асосии баргузории чорабиниҳои мазкурро муҳокимаи масъалаҳои коҳиш додани ҳодисаҳои табъиз ва тамғагузорӣ нисбати занони мубталои ВНМО бо назардошти омилҳои гендерӣ вобаста ба ВНМО, роҳҳои муоинаи ҳолати иммунӣ ва табобати бемориҳои тариқи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, бо истифода аз усулҳои равонкунии занони мубталои ВНМО ба мавшарати тиббию равонӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Дар доираи Барномаи Иттиҳоди Аврупо оид ба пешгирии паҳншавии нашъамандӣ дар Осиёи Марказӣ (КАДАП-6) дар ҳамкорӣ бо муассисаи давлатии «Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати коршиносони хориҷӣ оид ба пешгирии паҳншавии нашъамандӣ байни аҳолӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти пешгирии нашъамандӣ ва ҳамкории байнисоҳавӣ семинари омӯзишӣ баргузор гардид. Дар семинар намояндагони вазорату идораҳо, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд.

Дар ҳамкорӣ бо дафтари СММ-Занон оид ба ташаккули дарки зарурати таъмини баробарии имконниятҳо дар тафаккури ҷамъиятӣ бо иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, кормандони соҳаи дин, фаъолзанон, намояндагони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба инъикос намудани ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти занон дар ҷомеа, ташаккули дарки баробарии мардону занон ва имконниятҳои баробари онҳо дар мавзӯи «Васеъ намудани ҳуқуқ ва имконниятҳои оилаҳои тарккардашудаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон» ва «Баланд бардоштани иқтидори шарикони маҳаллӣ оид ба хизматрасониҳои самараноки ҳуқуқӣ барои занҳои деҳот дар Тоҷикистон» семинар-тренингҳои омӯзишӣ гузаронида шуд.

Оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни аҳолии шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Норак, Сарбанд, Хуросон, Қубодиён, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бохтар, Вахш, Ёвон, Восеъ, Шаҳритӯс суҳбату вохӯриҳо баргузор гардида, дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» (PDV) дар мавзӯи «Амалан истифода бурдани қонун оид ба пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» муаррифии Нақшаи амали Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023 ва бо намояндагони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, сабти асноди ҳолати

шахрвандӣ, кор бо занон ва оилаи вилояти Хатлон семинар-машварат доир гардид.

Дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» китобчаи «Сад саволу сад ҷавоб дар бораи зӯроварӣ дар оила» дар ҳаҷми 850 адад ва 300 нусха буклетҳои тарғиботӣ барои истифода ба иштирокчиёни мизҳои мудаввар ва семинарҳо тақсим карда шуд.

Дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмилалии СММ-Занон роликҳои таблиғотӣ таҳти унвони «Зӯроварӣ узр надорад», «Зиндагии осуда аз эҳтироми зан сар мешавад», «Худкушӣ роҳи ҳал нест» таҳия гардида, дар вохӯриҳо ва тариқи шабакаҳои телевизионӣ пешкаши иштирокдорон ва тамошобинон гардиданд.

Бо мақсади татбиқи самараноки сиёсати гендерии кишвар ва таъмини иҷрои барномаҳои соҳавӣ дар ин самт гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо ва ташкилоти ҷамъиятӣ ташкил карда шудааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ якҷо бо ташкилоти ҷамъиятии «Лигаи занони ҳуқуқшиноси Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ҷалби табибон, нозирони минтақавӣ, фаъолзанон ва занҳои хонанишин, бо иштироки зиёда аз 200 нафар мизи мудаввар дар мавзӯи «Ҳуқуқи инсон дар соҳаи ҳифзи саломатӣ» баргузор карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои тавсияи 5 бо мақсади ташкили шӯрои занон оид ба таҳкими сулҳ ва сулҳоварӣ дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила аз ҳисоби намояндагони қишрҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла занони сиёсатмадори собиқадор ва собиқ иштирокчиёни иҷлосияи XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолзанон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ шӯрои занони сулҳовар таъсис дода шудааст. Шӯрои занони сулҳовар дар ҷаласаи моҳи октябрии соли 2016 лоиҳаи нақшаи чорабиниҳоро барои соли 2017 мавриди баррасӣ қарор дода, баргузории вохӯриву суҳбатҳо ва мубоҳисаҳо дар деҳоти дурдасттарини наздисарҳадӣ, дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила ташкил намудани осорхонаи «Занони барӯманд ва сулҳовари Тоҷикистон»-ро ба нақша гирифт.

Дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила 12 гурӯҳи мобилӣ аз ҳисоби занони фаъол таъсис дода шудааст, ки онҳо дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ фаъолияти натиҷабахши тарғиботиро амалӣ намуда истодаанд.

Оид ба гузаронидани тренингҳои мақсадноки доимӣ ҷиҳати баланд бардоштани мақоми зан дар раванди пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои занон, пешгирии ҷиноятсодиркунии занон ва ноболиғон, худкушӣ ва хушунати хонаводагӣ, барҳам додани қолабҳои гендерӣ, нақши падару модар дар тарбияи фарзанд, сабабҳои аз таҳсил дур мондани кӯдакон, алалхусус духтарон, ҳарчи бештар ҷалб намудани духтарон ба мактаб ва бо ин васила баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо, пешгирии терроризм ва экстремизм, шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро аз ҷониби мақомоти давлатӣ мунтазам суҳбатҳо барпо карда мешаванд. Чунин мулоқот бо

қишрҳои гуногуни аҳолӣ, кормандони вазорату кумитаҳо, идораву муассисаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла бо аҳолии маҳаллаҳои осебпазири шаҳри Душанбе, бо донишҷӯдухтарони Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Осимӣ, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, коллеҷҳои тиббӣ ва санъат, таваллудхонаи №3, дар корхонаҳои Ёқут, Нассоҷӣ, Марказҳои савдои Садбарг, Корвон, Ганҷина, Шоҳмансур, Саодат бо занону духтарон доир гардида истодаанд.

Вобаста ба авҷ гирифтани раванди ҷалби ҷавонону занон ба ҳаракату равияҳои ифротӣ ва баланд бардоштани нақши занон дар ин самт аз усули корбарии «Хона ба хона» истифода гардида, дар раванди он бо аҳли оилаҳо суҳбатҳои фардӣ гузаронида мешаванд. Ҳангоми суҳбатҳо бо оилаҳо оид ба равияҳои ифротӣ, мақсад ва ҳадафҳои онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, ҳамзамон буклетҳои таҳиягардида оид ба масъалаҳои мазкур дастрас карда шуданд, ки баҳри огаҳии занону ҷавонон ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии онҳо дар ин самт аҳамияти муҳим доранд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳо бо иштироки имомхатибон ва имомони шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ҳисор, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Варзоб, Фархор, Ҳамадонӣ, Вахш, Бохтар, Панҷ семинарҳои омӯзишӣ дар мавзӯи «Нақши ходимони дин дар пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундрав ва ифротгаро», «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ», «Тарзи ҳаёти солим, эҳтиёт аз бемориҳои сироятии аср – ВНМБ/БПНМ», «Пешгирии зӯроварӣ нисбати занон, худкушӣ ва дигар падидаҳои номатлуб» баргузор карда шуд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз тарафи роҳбарони гурӯҳҳои таълимӣ ва омӯзгорони фанни ҳуқуқ мунтазам оид ба масъалаҳои масъулияти ҳуқуқӣ барои содир накардани кирдорҳои зӯроварона нисбат ба занон ва духтарон корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни донишҷӯён гузаронида мешавад.

Яке аз вазифаҳои асосӣ ва стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон, аз ҷумла занону духтарон ба соҳаи илм ва тайёр кардани кадрҳои ҷавони илмӣ мебошад. Дар муассисаҳои таълимӣ сафи занон ва духтарони соҳибзавқу эҷодкор афзуда, ҷавонони лаёқатманд ба корҳои илмиву инноватсионӣ бештар ҷалб карда мешаванд ва сифати корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар муассисаҳои таълимиву илмии кишвар сол аз сол беҳтар мегардад. Баргузории машваратҳои илмӣ ва илмию техникӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳукми анъана даромада, дар рафти амалисозии онҳо чорабиниҳои зиёди илмӣ гузаронида мешаванд. То ба имрӯз тамоми чорабиниҳое, ки гузаронида шуданд ва барномаҳое, ки амалӣ шуданд, дар маҷмӯъ ба рушди илми тоҷик дар даврони истиқлолияти

давлатӣ мусоидат намуданд, ки дар ин самт нақши занон дар рушди илму маърифат, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар хеле назаррас мебошад.

Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 феврали соли 2016 ҷаласаи тантанавӣ бо иштироки зиёда аз 100 нафар занон ва духтарони соҳаи илм аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии воқеъ дар пойтахти ҷумҳурӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дигар зерсохторҳои илмии Вазорат гузаронида шуд, ки дар он намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ширкат намуданд. Дар ҷамъбасти ҷаласаи мазкур як қатор занон ва духтарон дар соҳаи илм бо мукофотҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла ба 16 нафар олимҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дигар зерсохторҳои илмии Вазорат аз ҷумлаи занон унвони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» дода шуда, 13 нафар бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

Айни замон дар тамоми самту ҷанбаҳои илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони тоҷик 79 нафар доктори илм ва 677 нафар номзади илм, инчунин 1379 нафар аспиранту 99 нафар докторант дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва илмӣ дар баробари мардон фаъолияти пурсамар дошта, дар пешбурди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва пешбурди илми тоҷик ҳиссаи муносиб мегузоранд.

Вобаста ба тавсияи 7 оид ба омода намудани тренерон барои гузаронидани семинарҳо вобаста ба масъалаҳои пешгирии ҳама гуна намудҳои зӯроварӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии «Лигаи занони ҳуқуқшинос» семинар - тренинги омӯзишӣ дар ноҳияи Варзоб таҳти унвони «Зӯроварии хонаводагӣ ва солимии репродуктивӣ» бо ҷалби намояндагони бахши кор бо занон ва оила, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, имомхатибони масҷидҳо, шуъбаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, маориф, раисони шӯроҳои занон, раисони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ баргузор карда шуд. Дар чорабинии мазкур филмҳои мустанад оид ба пешгирии зӯроварии хонаводагӣ намоиш дода шуда, роҳҳои пешгирӣ намудани онро дар мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳамдигарӣ, фазои солиму ободи муҳайё сохтан дар оила, ба тарбияи фарзанд аҳамияти ҷиддӣ додан, дар ниҳоди аъзои оила бедор намудани ҳисси ватандӯстию созандагӣ арзёбӣ намуданд. Чунин семинарҳои омӯзишӣ охири моҳи октябри соли 2016 дар ноҳияҳои Фархор, Восеъ ва шаҳрҳои Ваҳдату Ҳисор бо иштироки имомхатибон, фаъолзанон, раисони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, директорони мактабҳо дар мавзӯи «Ба хушунати хонаводагӣ хотима диҳед» доир гардиданд.

Инчунин барои кормандони Кумитаи кор бо занон ва оила ва зерсохторҳои он дар мавзӯъҳои «Нақши мақомоти кор бо занон ва оила дар ҳалли масъалаҳои зӯроварии хонаводагӣ» семинар–машварат

баргузор гардид, ки дар он кормандони Кумитаи мазкур, сардорони раёсат, шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шуъба ва бахшҳои шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Ваҳдат, Шаҳринав, Варзоб ва кормандони муассисаи давлатии маркази таълимии «Чароғи ҳидоят» иштирок намуданд. Мақсад аз баргузории семинар-машварати мазкур баррасии масъалаҳои зӯроварии хонаводагӣ ва оқибатҳои он, усулҳои кор бо ҷабрдидагон, аз ҳолати равонии ногувор баровардани шахсони ҷабрдида, равонасозӣ ва ҳал намудани масъалаҳои зӯроварии хонаводагӣ дар ҳамбастагӣ бо коршиносон муҳокима гардида, роҳу усулҳои мухталифи ҳалли мушкилоти мазкур пешниҳод гардонида шуд.

Дар Донишкадаи идоракунии давлатӣ вобаста ба масъалаҳои гендерӣ дар мавзӯъҳои «Сарварии занон», «Муносибатҳои гендерӣ дар хизмати давлатӣ: мушкилот ва ҳалли он», «Асосҳои ҳуқуқии пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдакон», «Нақши зан дар хизмати давлатӣ» ва «Масъалаҳои гендерӣ» модулҳои таълимӣ таҳия карда шуда, дар давоми соли 2016 дар курсҳои такмили ихтисос истифода шуданд.

Дар робита ба иҷрои тавсияи 8 омӯзиш нишон медиҳад, ки аз 228 (зан -72) нафар хатмкардагони магистратура аз мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ 87 (зан - 28) нафар ё 38,1 фоиз аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 6 категория боло, 80 (зан - 21) нафар ё 35,0 фоиз дар мансабҳои қаблӣ, 13 (зан - 7) нафар ё 5,7 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият дошта, 48 (зан - 16) нафар ё 20,0 фоиз аз хизмат озод гардида, фаъолияти худро дар дигар соҳаҳо роҳандозӣ намуданд.

Аз 200 (зан - 67) нафар хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки магистратураро хатм карданд, 89 (зан - 34) нафар ё 45,1 фоиз аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 6 категория боло, 74 (зан - 17) нафар ё 37,5 фоиз дар мансабҳои қаблӣ, 14 (зан - 4) нафар ё 7,0 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият дошта, 23 (зан - 12) нафар ё 11,5 фоиз аз кор озод гардида, дар дигар соҳаҳо фаъолият доранд. Аз ин теъдод, аз ҷумла аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 33 (зан - 14) нафарро ташкил дода, 21 (зан - 9) нафар ё 63,6 фоиз хизматчиёни давлатӣ аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 5 категория боло, 10 (зан - 3) нафар ё 30,3 фоиз дар мансабҳои қаблӣ, 1 (зан - 1) нафар ё 3,0 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият намуда, 1 (зан - 1) нафар ё 3,0 фоиз аз кор озод гардидааст. Аз вилояти Суғд 39 (зан - 9) нафар хизматчиёни давлатӣ магистратураи мазкурро хатм намуда, 24 (зан- 6) нафар ё 61,5 фоиз аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 6 категория боло, 10 (зан- 2) нафар ё 25,6 фоиз дар мансабҳои қаблӣ, 1 нафар ё 2,5 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият дошта, 4 (зан - 1) нафар ё 10,2 фоиз озод гардиданд. Аз вилояти Хатлон 80 (зан - 29) нафар хизматчиёни давлатӣ магистратураи мазкурро хатм намуда, 31 (зан - 14) нафар ё 38,7 фоиз аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 6 категория боло, 31 (зан - 7) нафар ё 38,7 фоиз дар мансабҳои қаблӣ, 6 (зан - 1) нафар ё 7,5 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият дошта, 12 (зан - 7) нафар ё 15,0 фоиз аз кор озод шуданд. Аз шаҳри Душанбе 9 (зан - 3) нафар

хизматчиёни давлатӣ магистратураи мазкурро хатм карда, 3 (зан - 1) нафар ё 33,3 фоиз хизматчиёни давлатӣ аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда 1 категория боло, 5 (зан - 1) нафар ё 55,5 фоиз дар мансабҳои қаблӣ ва 1 (зан - 1) нафар ё 11,1 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият доранд. Аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 39 (зан - 12) нафар хизматчиёни давлатӣ магистратураи мазкурро хатм карда, 10 (зан - 4) нафар ё 25,6 фоиз хизматчиёни давлатӣ аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 6 категория боло, 18 (зан - 4) нафар ё 46,1 фоиз дар мансабҳои қаблӣ, 5 (зан - 1) нафар ё 12,8 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият намуда, 6 (зан - 3) нафар ё 15,3 фоиз аз мансаб озод гардиданд. Дар маҷмӯъ аз 428 нафар хизматчиёни давлатӣ 176 (зан - 62) нафар ё 41,5 фоиз аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 6 категория боло, 154 (зан - 38) нафар ё 36,0 фоиз дар мансабҳои қаблӣ, 28 (зан - 11) нафар ё 6,3 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият намуда, 71 (зан - 28) нафар ё 16,3 фоиз озод гардида, фаъолияти худро дар дигар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ё субъектҳои хоҷагидор роҳандозӣ намуданд. Соли 2016 60 нафар (зан-16) хизматчиёни давлатӣ магистратураи мазкурро хатм менамоянд.

Дар соли 2016 дар миқёси ҷумҳурӣ вобаста ба ҳолатҳои ҷой доштани хушунат, кирдорҳои бадахлоқона ва зӯроварӣ дар оила 105 ҷиноят, аз ҷумла 23 ҳолати одамкушӣ, 27 ҳолати ба худкушӣ расонидан, 6 ҳолати куштани кӯдаки навзод, 37 ҳолати таҷовуз ба номус ва 32 ҷиноят вобаста ба ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳодисаҳои мазкур аз ҷониби прокуророни вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо сари вақт мавриди санҷиш қарор дода шуда, бо моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва тафтиш гардида, қисме аз парвандаҳои ҷиноятӣ барои баррасӣ ба судҳо ирсол ва ҷинояткорон маҳкум карда шуда, бо дигар парвандаҳои ҷиноятӣ айни ҳол тафтиши пешакӣ идома дорад.

Оид ба иҷрои тавсияи 9 дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила аз ҳисоби занони фаъол гурӯҳҳои мақсаднок таъсис дода шуда, оид ба масъалаҳои пешгирии низоъҳо дар оила суҳбату мулоқот доир гардида, тавсияҳои муфид вобаста ба авҷ гирифтани равияҳои ифротӣ ва пешгирӣ аз он дода шуда, баҳри боло бурдани маърифати аҳолӣ дар самти садди роҳи оилаҳо ва махсусан оилаҳои ҷавон аз ҷалбшавӣ ба ин гуна ҳаракатҳо шудан мунтазам корҳои маърифатӣ бурда мешаванд.

Ҳамчунин барои духтароне, ки аъзои шӯрои донишҷӯдухтарони назди Кумитаи мазкур мебошанд, семинарҳои омӯзишӣ баҳри омода намудани онҳо ҳамчун ихтиёриён ҳангоми ҳолатҳои зарурӣ бо иштироки масъулин ва коршиносон оид ба масъалаҳои ҳолатҳои фавқулода ташкил карда шуданд.

Доир ба иҷрои тавсияи 10 аз ҷониби мақомоти давлатӣ пайваста оид ба инъикоси масъалаҳои пешгирии зӯроварии хонаводагӣ, мавқеи зан дар ҷомеа ва таҳкими сулҳу субот маводу матлабҳои ҷолиб дар воситаҳои ахбори омма ба самъи аҳолӣ расонида мешавад. Аз ҷумла дар барномаҳои телевизионии «Мастар», «Нигоҳи нав», «Ҳукм»,

«Гетинигор», «Артиш», «Оилаи солим - ҷомеаи солим», «Сарнавишт», «Равзанаи умед», «Гиреҳ», «Фариштаи меҳр», «Андеша», «Ҷавонӣ», «Зан ва замон», барномаи идонаи «Рӯзи модар», «Ҳукм», «Бону», «Субҳ», «Садои зан», «Дугонаҳо», «Завқ», «Олиҳа», «Толори оинаҳо», «Чароғи хонадон», барномаҳои радиоии «Оила», «Суҳбат дар мавзӯи рӯз», инчунин дар барномаҳои «Ахбор», «Навид» ва «Субҳ» баромадҳо намуданд. Ҳамчунин дар рӯзномаю маҷаллаҳои «Минбари халқ», «Ҷумҳурият», «Бонувони Тоҷикистон» мақолаи «Зан ва истиқлолият» дар мавзӯъҳои тарбияи дурусти фарзанд, оила ҳамчун макони ташаккули шахсият, илмомӯзии духтарон, саҳми оила дар таҳкими суботи ҷомеа, издивоҷи хешовандӣ ва ташхиси пешазникоҳии издивоҷкунандагон, пешгирии гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, инчунин бегонапарастию тақлидкорӣ ба фарҳанги бегона мақолаю мусоҳибаҳо ба табъ расиданд.

Оид ба иҷрои тавсияи 11 ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти пешгирии низоъҳои обӣ, сарҳадӣ, иҷтимоӣ, зӯроварии хонаводагӣ Кумитаи кор бо занон ва оила бо вазорату кумитаҳо ва идораҳои дахлдор, аз ҷумла вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф ва илм, тандурустӣ, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла бо ташкилотҳои ҷамъиятии «Хуршед», «Ҷавонони пешсаф», «Лигаи занони ҳуқуқшинос», маркази рушди инсон «Само», «Гендер ва тараққиёт», «Азал», маркази захиравии занони «Моҳи мунир», «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» нақшаҳои муштараки ҳамкорӣ дошта, аз рӯи он амал намуда истодааст. Дар ҳамкорӣ бо СММ-Занон мизи мудаввар таҳти унвони «Ҳамкориҳои мутақобилаи судманди сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоти байналмилалӣ ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила» ташкил ва гузаронида шуд.

Оид ба иҷрои тавсияи 12 кормандони мақомоти давлатӣ бо сокинони минтақаҳои наздисарҳадии шаҳрҳои Турсунзода, Исфара, Бобоҷон Ғафуров, Конибодом, Исфара, Фархор, Панҷ, Лахш, Шамсиддин Шоҳин, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим оид ба масъалаҳои пешгирии низоъҳо, дӯстиву рафоқат ва муносибати дӯстонаи тарафайн, фирефта нашудан ва ба доми иғвогарон наафтидан суҳбату вохӯриҳо ташкил намуданд.

Ҷиҳати иҷрои тавсияи 13 бо мақсади баланд бардоштани имкониятҳои молиявии Кумита бо зиёд шудани воҳидҳои корӣ фаъолияти Кумита пурсамар ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии занон дар хизмати ҳарбӣ бахшида ба 23-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмҳои сарҳадӣ вохӯрию суҳбатҳо ва чорабиниҳову ҷамъомадҳои тантанавӣ доир гашта, фаъолзанони низомӣ ва модароне, ки дар тарбияи ҳарбиву ватанпарастӣ нақши назаррас доранд, бо сипоснома ва тухфаҳои хотиравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо қадрдонӣ карда шуданд. Чунин қадрдониҳо бахшида ба

ҷашни Рӯзи модарон, Ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ ва дигар идҳои касбии вазорату идораҳои қудратӣ роҳандозӣ гардидааст.

Ба хотири рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамасола аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оила ба соҳибкорзанони ноҳияҳои наздисарҳадӣ грантҳои Президент ҷудо карда мешаванд.

Оид ба иҷрои тавсияи 14 вобаста ба ташаккул ва тарғиби имиҷи зан-сиёсатмадор ва зан-роҳбар зимни баргузории курсҳои омӯзишии «Зан-роҳбар» ва «Менеҷменти нави давлатӣ» дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон курси махсуси «Имиҷи зан-роҳбар» гузаронида мешавад. Чунин курсҳо дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон, шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд ташкил ва гузаронида шуданд.

Бо мақсади ташаккул ва тарғиби имиҷи зан - сиёсатмадор ва зан-роҳбар бо дарназардошти талаботи муосири давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон дар доираи низоми муайян ба таҳсил фаро гирифта шуда, барои тайёр кардани онҳо бо Кумитаи кор бо занон ва оила силсилаи тадбирҳо анҷом дода мешавад. Масалан, курси такмили ихтисос барои занони лаёқатманди дар захираи кадрҳобудаи мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мавзӯи «Зан- роҳбар» дар ҳаҷми 46 соат аз 20 то 25 июни ва 28 то 3 декабри соли 2016 бо ҷалби 60 нафар занон доир гардид. Ҳамзамон курсҳои сайёри такмили ихтисос барои мутахассисони пешбари (мутахассисони) шуъбаҳои (бахшҳои) кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 19 то 21 сентябри соли 2016 аз рӯи барномаи «Таъмини баробарии гендерӣ дар хизмати давлатӣ» дар шаҳри Роғун баргузор гардид, ки дар он 26 нафар занон иштирок доштанд. Дар курсҳои мазкур оид ба ташаккул ва тарғиби имиҷи зан-сиёсатмадор ва зан-роҳбар низ машғулиятҳо гузаронида мешаванд.

Бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тарғиби зани сиёсатмадор ва занони роҳбари Тоҷикистон маҷмӯаҳои «100 зани машҳури Тоҷикистон» ва «Энсиклопедияи занони Тоҷикистон» ба чоп омода гардид.

Ташвиқу тарғиби занони муваффақи Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон тавассути воситаҳои ахбори омма низ васеъ ба роҳ монда шудааст. Барномаҳои телевизионии «Бонуи ҳунар», «Зан ва замон», «Гетинигор», «Сарнавишт», «Фариштаи меҳр», «Бону», «Садои зан», «Дугонаҳо», «Завқ», «Олиҳа», «Толори оинаҳо», «Чароғи хонадон», ҳамчунин рӯзномаю маҷаллаҳои «Минбари халқ», «Ҷумҳурият», «Бонувони Тоҷикистон», «Фирӯза», «Ваҳдатофарони ваҳдат» мавзӯъҳои илмомӯзии духтарон, саҳми оила дар ташаккули шахсияти зан, оид ба рӯзгори занони муваффақ мақолаю мусоҳибаҳо табъу нашр намуданд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сол то сол шумораи занон зиёд мешавад. Агар дар соли 1991-1992 44 % занони донишҷӯ таҳсил

менамуданд, соли 2005-2006 ин рақам ба 56% фоиз расид. Алҳол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамагӣ 68325 нафар донишҷӯ таҳсил менамояд, ки аз онҳо 40361 нафар духтар мебошад. Ба кори таълиму тарбия 5119 нафар омӯзгорон машғуланд, ки аз ҷумлаи онҳо 1232 нафар зан мебошанд. Дар натиҷаи ташкили намудҳои нави муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ дар назди ин зинаи таҳсилот вазифаҳои нав гузошта шуд. Аз ҷумла дар коллеҷҳои навтаъсис таълими ихтисосҳои нав ташкил карда шуда, заминаи моддию техникии онҳо мустаҳкам карда шуд. Дар коллеҷи технологии ба номи А. Қаҳҳорови шаҳри Конибодом 685 нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд. Аз онҳо 447 нафарашон духтарон мебошанд. Аз 53 нафар омӯзгорон 16 нафарро омӯзгорони ҷавон-бонувон ташкил медиҳанд. Аз ин теъдод 3 нафар баъди хатми коллеҷ бо роҳхати маъмурият бо баробари фаъолият дар пешбурди таълим дар муассисаи таълимӣ дар донишгоҳҳои олӣ донишашонро сайқал дода истодаанд. Коллеҷи технологии ба номи А. Қаҳҳорови шаҳри Конибодом баҳри иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» дар муассисаи таълимӣ нақшаи чорабинӣ тартиб дода, нисбат ба амалигардонии онҳо тадбирҳои мушаххас андешидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ оид ба иҷрои тавсияи 15 бо мақсади тақвияти неруи кормандони марказҳои иттилоотию машваратии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии онҳо ҷиҳати расонидани машваратҳои ҳуқуқию равонӣ ба занону духтарон мониторинги фаъолияти марказҳои иттилоотӣ-машваратӣ дар ноҳияҳои Тоҷикобод, Нуробод, Рашт, Лахш ва Сангвор гузаронида шуд. Дар соли 2016 ба марказҳои иттилоотӣ - машваратии ноҳияҳо 5162 нафар муроҷиат намуданд, ки аз ин теъдод 5014 нафар занон ва 148 нафари онҳоро мардон ташкил медиҳанд. Аризаҳо ва муроҷиати шаҳрвандон бештар ба масоили гирифтани маслиҳати ҳуқуқӣ, хушунати оилавӣ, талоқ, тақсимоти молу мулк, пайдо намудани ҷойҳои корӣ, таъмин намудан бо ҷойи зист, пардохти алимент, дастрас намудани қарзҳои имтиёзнок, расонидани кумаки моддӣ, ҷойгир намудан дар хобгоҳи маркази таълимии «Чароғи ҳидоят» марбут буданд.

Дар давоми соли 2016 882 нафар занон (ё 16,3 фоизи шумораи умумии довталабон) дар озмунҳо иштирок намуда, аз онҳо 529 нафар (ё 21,5 фоизи шумораи умумии таъиншудагон) ба мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд. Аз ин ҳайат 297 нафар ба мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо ва 244 нафар ба мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ба кор сафарбар гардиданд.

Дар самти ташхиси гендерии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назди Кумита аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ шӯрои экспертӣ фаъолият дорад.

Оид ба иҷрои тавсияи 16 бо мақсади баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва тахассусии занон ва духтарони деҳот оид ба дастрасӣ ва адолати судӣ ва таҳсилот ва фаъол намудани малакаи соҳибкории онҳо мизи мудаввар дар мавзӯи «Роҳҳои ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷамъиятӣ дар беҳбуд гардонидани имкониятҳои иқтисодии занон дар деҳот» ташкил ва гузаронида шуд. Ҳамзамон бо ин, якҷо бо ташкилоти байналмилалии «Наҷоти кӯдакон» дар доираи лоиҳаи «Тавоноӣ ва дороии зан» чорабинӣ бо иштироки доираи васеи намояндагони ташкилоти байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ барои гурӯҳҳои фаъоли занон аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор гардид. Мақсад аз гузаронидани чорабинии мазкур фаъол гардонидани гурӯҳҳои занон дар деҳот маҳсуб меёфт.

Бо мақсади боздид аз шароити зист дар хонаҳои ҷабрдидагони хушунат ва марказҳои солимии репродуктивӣ, тақвияти ҳамкориҳои байниидоравӣ ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оилаҳо ва расонидани кумакҳои саривақтӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ, омӯзиш ва мубодилаи таҷриба байни муассисаҳои тиббӣ 19-24 сентябри соли 2016 мониторинги хонаҳои ҷабрдидагони хушунат дар назди муассисаҳои тиббии шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистони вилояти Суғд ва Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуд.

Оид ба иҷрои тавсияи 18 бо мақсади тақвият бахшидани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва иттилоотонию маърифатнокии аҳолӣ дар самти ташаккули муносибати таҳаммулнопазир оид ба ҳама намуди зӯроварӣ дар ҷомеа ва дар оила, пешгирии истифодаи силоҳи оташфишон дар тамоми суҳбату вохӯриҳо байни аҳолӣ дар маҳалҳо, байни толибилмони муассисаҳои таҳсилотӣ, дар корхонаҳову муассисаҳо мунтазам корҳои тарғиботиву иттилоотонӣ баргузор карда шуданд. Ба хотири аз наздик шинос шудан бо вазъи иҷтимоии занҳо дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила гурӯҳҳои мақсаднок ташкил карда шуда, усули «Хона ба хона» ҷорӣ карда шудааст. Кумитаи мазкур чунин вохӯриҳоро дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ тавассути баргузории чорабиниҳои оммафаҳмонӣ, суҳбату вохӯриҳо бо падару модарон, ҷавонони аҳли ҷомеа, чопи хабару мақолаҳо дар мавзӯъҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила дар рӯзномаю маҷаллаҳо баргузор намуд.

Бо мақсади тақвият бахшидани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва иттилоотонию маърифатнокии аҳолӣ дар самти ташаккули муносибати таҳаммулнопазир оид ба зӯроварӣ дар оила банерҳои тарғиботӣ низ омода карда шуда, дар шаҳри Душанбе насб карда шуданд.